**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-061 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.09.2023, №10

Барои сазовор донистани Қурбонов Диловаршо Мирзоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми таърих

Диссертатсияи Қурбонов Диловаршо Мирзоевич дар мавзуи Аз таърихи мақулаҳои фазо ва вакт дар фаҳмиши назарияи нисбият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи физика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67); фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, тахти 201/шд) 26-уми майи соли 2023, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонов Диловаршо Мирзоевич соли 1985 факултети математикаи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро аз рӯйи ихтисоси математика бо ихтисоси иловагии физика хатм намудааст. Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1985 дар МТМУ-и №20-и ноҳияи Муминобод ба ҳайси муаллими фанни физика ва математика оғоз намуда, то соли 1995 дар ин вазифа кор кардааст. Аз соли 1995 то соли 2003 дар МТМУ-и №2-и ш. Кӯлоб ба ҳайси муаллими фанни физика ва математика фаъолият намудааст. Аз моҳи августи соли 2003 ба тариқи озмун ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси ассистенти кафедраи физикаи назариявӣ ба кор қабул гашта, дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардааст. Солҳои 2005-2013 ҷонишини декан оид ба таълим, солҳои 2013-2014 декани факултети физика, математика ва информатика, солҳои 2014-2020 мутахассиси шуъбаи ғоибона, аз соли 2020 то инҷониб ба ҳайси саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ фаъолият намуда истодааст.

Кори илмӣ дар кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулл оҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ғуломов Ислом – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Сатторов Абдурасул Эшбекович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**2. Шарифзода Бахтиёр** - номзади илмҳои таърих, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба таълим.

**Муассисаи пешбар** – МДТ «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ, номзади илмҳои физикаю математика Палавонов Қ.Қ., номзади илмҳои таърих Мақсадов Ҳ.И., номзади илмҳои филология Саидов С.М., номзади илмҳои физика-математика Салимов Н.С. ва котиби ҷаласа Махсумова У.Ф. ва бо имзою муҳри ректори муассиса доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. пешниҳод шудааст, қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Қурбонов Диловаршо Мирзоевич дар мавзуи «Аз таърихи мақулаҳои фазо ва вақт дар фаҳмиши назарияи нисбият» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи физика) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърихи илм ва техника буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 6-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-А]. Қурбонов Д.М. Методика применения компьютерных методов контроля на уроках физики [Матн] / Д.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – № 3/8 (216).– С. 269-272.

[2-А]. Қурбонов Д.М. Аз таърихи назарияи нисбият ва асосҳои физикии он [Матн] / Д.М. Қурбонов, А.Ш. Комилӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои табиӣ. – Бохтар, 2022. – №2/1 (96). – С. 116-121. ISSN: 2663-6417.

[3-А]. Қурбонов Д.М. Андар таърихи консепсияи фазо ва вақт ва назарияи нисбият [Матн] / Д.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои табиӣ. – Бохтар, 2022. – №2/3 (102).– С. 130-136. ISSN: 2663-6417.

[4-А]. Қурбонов Д.М. Андар марҳалаҳои асосии рушди фикру андеша дар бораи фазо ва вақт [Матн] / Д.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои табиӣ. – Бохтар, 2022. – №2/3 (102). – С. 93-96. ISSN: 2663-6417.

[5-А]. Қурбонов Д.М. Фаҳмиши физикии андешаҳо дар бораи фазо ва вақт [Матн] / Д.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои табиӣ. – Бохтар, 2022. – № 2/4 (104). – С. 70-74. ISSN: 2663-6417.

[6-А]. Қурбонов Д.М. Таълимоти Абӯалӣ ибни Сино дар бораи фазо, вақт ва ҳаракат [Матн] / Д.М. Қурбонов, А.Ш. Комилӣ, Муслиҳиддинов З.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои табиӣ. – Бохтар, 2023. – №2/1 (108). – С. 80-85. ISSN: 2663-6417.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Расулиён Қаҳҳор Расул** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, эрод нест.
2. **Абдуллоев Ҳасан Муминҷонович** – доктори илмҳои физика-математика, мудири кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, эрод нест.
3. **Назаров Аҳтам Пулотович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат буда, эрод нест.

4. **Ҳасанов Д.Р.** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат буда, эрод нест.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ:**

- унвонҷӯ Қурбонов Диловаршо Мирзоевич дар баробари иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ ба омӯзиши таърихи физика, муайян кардани саҳми олимони асримиёнагии форс-тоҷик пардохта, кори илмии аз нигоҳи таърих арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

– аввалин маротиба таърихи НН, ННХ ва ННУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози таърихи илм ва техника мавриди баррасӣ **қарор гирифтааст;**

– аввалин маротиба дар таърихи илми ҷаҳонӣ саҳми олимони аримиёнагии форс-тоҷик ҳамчун саромадони назарияи фазо ва вақт дар таърихи НН **нишон дода шудааст;**

– аҳамияти омӯзиши таърихи физика дар мисоли таърихи ПН, ННХ ва ННУ бар мабнои мақулаҳои фазо, вақт ва мафҳуми фазоӣ-вақтӣ **матраҳ гардидааст;**

– таълими таърихи НН барои хонандагону донишҷӯёни МТМУ ва МТОК-и кишвар **ба назар гирифта шудааст;**

– дар доираи таърихи физика саҳм ва нақши физикдонони асримиёнагии форс-тоҷик ҳамчун аз саромадони НН **баррасӣ гардидааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи физика дар мисоли дарку фаҳмиши ПН, ННХ ва ННУ хизмати арзанда намоянд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандони Юнони Қадим, аз қабили Демокрит, Арасту, осори асримиёнагии ниёгони тоҷикон, аз қабили Абубакри Розӣ, Абуҳотами Розӣ, сарчашмаҳои чопшуда ва таҳқиқоти олимони маъруфи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, М. Планк, Ҳ. Лоренс, Г. Миковский, Р. Толмен, Э. Шредингер, О.А. Никонов, Г.А. Яшина, В.Н. Бойко, В.П. Визгин, Ҳ.У. Содиқов, М.С. Осимӣ, А. Адҳамов, Ф.Х. Ҳакимов, Х.Ф. Абдуллозода, Ҳ. Маҷидов, С. Зайнуддинов, И. Ғуломов, А.Ш. комилӣ, Ф.Қ. Раҳимӣ, А.Э. Сатторов, М.С. Шодиён ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаи назарии таҳқиқот корбурд гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра навишта шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи пажӯҳишоти ҷамъбастӣ оид ба таърихи физика дар Тоҷикистон ва берун аз он, ҳангоми хондани фанҳои элективӣ ва курсҳои махсус МТМУ ва МТОК-и кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии физикӣ метавон истифода бурд; натиҷаи омӯзиш метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ барои донишҷӯёну унвонҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад; инчунин натиҷаи кор барои омӯзгорони МТМУ ва устодону омӯзгорони МТОК-и олии кишвар манфиатовар хоҳад буд; аз натиҷаи таҳқиқот, албатта дар навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ муҳаққиқони соҳаи таърихи физика метавонанд васеъ истифода баранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки** асоси методологии диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили таърихӣ-илмии таърихи физика, таърихи ташаккули донишҳои физикӣ, риёзӣ ва фалсафӣ ташкил намуда, имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ба ҳамгироии донишҳои риёзию фалсафӣ дар таърихи физика баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни маърифатӣ: таҳлил, шарҳ, татбиқ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд.

Пажӯҳишоти таърихие, ки бар ин усул асос ёфтаанд, метавонанд хусусиятҳои сифатан навро касб карда, зарурату аҳамияти таърихи физикаро дар мисоли таърихи НН, ННХ ва ННУ ба талаботи имрӯзаи ҷомеа тавсиф намоянд, ки бидуни дарку фаҳмиши мақулаҳои фазо ва вақт имконнопазир аст.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ба мавзуи диссертатсия бахшидашуда, мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6DКОА-061-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 16 сентябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Қурбонов Диловаршо Мирзоевич ба дараҷаи илмии номзади илми таърих қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 7 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 7 нафар иштирок намуд. Аз 7 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 7 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физика-математика,
профессор Комилӣ А.Ш.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Болтаев М.А.